Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ ҷузъи асосии кори таълиму тарбия муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умум маҳсуб меёбад ва яке аз самтҳои муҳими Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҷиҳати ҷалб намудани насли наврасу ҷавонон ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ, татбиқи амалии тарбияи миллӣ тавассути кулли фанҳои таълимӣ, хосатан, фанҳои силсилаи гуманитарӣ, табиатшиносию риёзӣ дониста шудааст.

Тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳию хештаншиносии наслҳои наврасу ҷавонон нақши хоса дорад. Вобаста бар ин, дар назди ҷомеаи илмию педагогӣ, хадамоти маҳаллии маориф вазифа гузошта шудааст, ки усулҳои муосири тарбияи ватандӯстӣ, фароҳам овардани муҳити тарбиявиро ба роҳ монда, дар он шароитҳои мувофиқи педагогие муҳайё намоянд, ки ба тарбия ва ташаккули сифатҳои ватандӯсти наврасону ҷавонон мусоидат намояд.

Унвонҷӯ Мирзозода Акрам Рустам дар кори таҳқиқотии худ ба масъалаи тарбияи ҳисси ватандӯстӣ таваҷҷуҳ намуда, ба баланд бардории сифати таълиму тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон пажӯҳиш намудааст. Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ», кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст.

Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки он тасдиқи озмоишии мутобиқати шароитҳои педагогии аз ҷиҳати назариявӣ асосёфта, ки барои воқеисозии бомуваффақияти раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ зарурро дар бар мегирад.

Барои ноил шудан ба мақсад, санҷишу тасдиқи фарзияи гузошташуда барои роҳандозӣ намудани вазифаҳои гузошташуда, муҳаққиқ таҳкиқоти зеринро ба анҷом расонидааст:

- Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот оид ба моҳият ва хусусиятҳои раванди воқеисозии ҷараёни ҳамкории педагогӣ дар самти ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар наврасон берун аз таълим.

- Муайян намудани хусусиятҳои муҳити таълимии муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ, амиқ кардани шаклҳои истифодаи неруи онҳо дар раванди тарбияи ватандӯстии наврасон.

- Пешниҳод намудани амсилаи педагогии муаллифии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас берун аз таълим дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ.

- Пешниҳод намудани номгӯйи шароитҳои асосии педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва ба таври озмоишӣ санҷидани онҳо дар рафти озмоиши педагогӣ.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву адабӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълими хонандагон муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санчиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудаааст.

**Боби якуми диссертатсия** таҳти унвони «Асосҳои назарияии тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ» ба масъалаҳои назариявии ташаккули ғояҳои ватанпарварӣ ва тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун проблемаи педагогӣ, тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ бахшида шуда, фарогири тавсифу баррасии ғояҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ мебошад.

Муаллиф қайд кардааст, ки вазифаи муҳимтарини раванди таълиму тарбия ташаккули шахсияти насли наврас мебошад, ки он тавассути муносибати ӯ ба олами атроф ва дарки мавқеи ӯ дар он зуҳур меёбад. Дар робита ба тарбияи ватандӯстӣ ин маънои ба хонандагон додани системаи арзишҳоеро дорад, ки ба ташаккули худшиносии шаҳрвандӣ ва

мавқеи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд, ба наврасон имкон медиҳад, ки ба чолишҳои беруна баҳо дода, ба онҳо вокуниши муносиб диҳанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** таҳти унвони «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз шароит ва имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ» андешаҳои муаллиф оид ба шароитҳои педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ, тавсифи марҳилаҳои озмоиш ва ташхиси сатҳи ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас баён мегардад.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши мушкилотии масоили ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар кори таҳқиқотӣ бори аввал аз нуқтаи назари педагогӣ, таърихӣ ва адабӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон имконият фароҳам меорад, ки худогоҳию худшиносии миллӣ ташаккул дода шавад ва хонандагон чун шахсият ва ворисони сазовори Ватан ба камол расанд.

Дар боби макур амсилаи педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон дар фазои рушди муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ, ки аз ҷониби муаллиф коркард ва пешниҳод шудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ» ба масъалаҳои татбиқи шароитҳои педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ, самаранокии корҳо оид ба воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ дал карда, асосноккунии интихоби шароитҳои педагогӣ барои воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ оварда шуда, барои амалисозӣ тавсияҳо ироа шудаанд; раванди татбиқи амсилаи педагогӣ муфассал тавсиф шуда, исботи далели самаранокии он дар асоси таҳлили натиҷаҳои кор бо наврасони шомили гурӯҳи озмоишӣ бо истифода аз воситаҳои ташхиси аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда манзур шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки муҳимтарин шароити воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстӣ ҷалби ҳадди аксар дар ташкили чорабиниҳо дар нақшҳои асосӣ буд, ки ин ба онҳо имкон дод ҳам дар марҳилаи омодагӣ ва ҳам дар марҳилаи амалӣ фаъол бошанд, дар ташкили муошрати пурсамар бо бисёр шарикони сатҳҳои гуногуни вазъи иҷтимоӣ ва синну сол таҷриба ба даст оранд, инчунин масъулияти пурраро барои ба даст овардани натиҷа ба дӯш гиранд. Дар натиҷаи инъикос ва ташхиси таҷрибаи андӯхташуда дар наврасон эҳтиёҷот ба худтакмилдиҳӣ тавассути иштироки фаъолона дар чорабиниҳои ватандӯстӣ ташаккул ёфт.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба тарбияи ҳисси ватандӯстии насли наврас банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ кор карда шудааст.

Зимни мутолиа ва баррасии автореферати диссертатсия зарур донистем баъзе тавсияҳои хешро барои беҳтар гардидани мазмуни кор пешниҳод намоем.

1.Хуб мешуд, барои беҳтар гардидани ариши илмии кори таҳқиқотӣ «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони тоҷик барои солҳои 2023-2027» васеътар таҳлилу баррасӣ мегардид.

2. Дар автореферат ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ мавҷуданд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Камбудиҳои ошкоргардида, сатҳи илмии кори таҳқиқотиро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи илмию таҳқиқотӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи забони русӣ барои факултетҳои
ғайрифилологии Донишгоҳи
Миллии Тоҷикистон Мухаметов Гапур Бобоевич
16.05.2026

Суроға: 7734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, тел: 904424116

Имзои Мухаметов Гапур Бобоевичро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э. Ш.